**Суратҷаласаи №19-и**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

аз 14 январи соли 2021

Иштирок доштанд:
аз 21 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 18 нафар,
аз рӯйи ихтисос 7 нафар

14 январи соли 2021 соати 13:00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 15:20.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «**Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)**» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;
2. **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон У. Сафаров, А. Абдусатторов, Р. Раҳмонов, Б. Мақсудов, Ҳ. Раҷабов ва А. Азимов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон Р. Раҳмонов, У.Сафаров, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул, Б. Мақсудов ва Ҳ. Раҷабов иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзои шӯрои диссертатсионӣ – Хоҷаев Д. (раис), Муродов М. ва Мамадназаров А. (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 21 нафар аъзои Шӯро 18 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 7 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 18, муқобил – нест, бетараф –нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 14.01.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи **«Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, тақризи

муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» – **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна**, номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ – **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович**, муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон Р. Раҳмонов, У.Сафаров, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул, Б. Мақсудов ва Ҳ. Раҷабовро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи **«Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.